# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-062 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №_____________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.01.2023, № 7

Барои сазовор донистани Ятимов Амирхон Ҷурахонович, шаҳрванди Ҷумхурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзуи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ санаи 25. 11. 2022 барои ҳимоя қабул карда шуда, суратмаҷлиси №4-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз санаи 1 июли соли 2022 таҳти №202/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷи илмӣ Ятимов Амирхон Ҷурахонович соли таваллудаш 1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси информатика хатм намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2015 ассистенти кафедраи информатика, соли 2015 то соли 2021 ассистенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, соли 2021 мудири кафедраи молия ва қарзи филиали "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" дар вилояти Хатлон ва соли 2022 то ҳол дар вазифаи декани факултети иқтисод ва молияи филиали "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва сохибкории Тоҷикистон" дар вилояти Хатлон кор карда истодааст.

Фаъолияти илмии худро соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав оғоз намуда, кори илмиашро дар мавзуи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар

мисоли вилояти Хатлон)» дар назди кафедраҳои технологияи иттилоотӣ ва менеҷменти донишгоҳи мазкур ба анҷом расонидааст.

Диссертатсия дар кафедраҳои технологияи иттилоотӣ ва менеҷменти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст. Мавзуи диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз « 28 » « 03 » «2016 » таҳти № 8 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Файзулло Машраб Қурбоналӣ**-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (тақриз пешниҳод шудааст).
2. **Мирзораҳимов Неъматҷон Тоҳирович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи кортҳои бонки ҶСК «Ориёнбонк» (тақриз пешниҳод шудааст).

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ( 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121). Дар тақриз, ки аз тарафи котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ Самиева М.Б., ташхисгар - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ Азизов Ш.С., раиси ҷаласа - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ Ғафорзода Ҷ.Ғ. имзо гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ аз 12 декабри соли 2022, №4 муҳокима ва баррасӣ шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. аз 14 декабри соли 2022 тасдиқ карда шудааст ва хулосаи мусбат дода шудааст.

Дар тақриз хулоса гардидааст, ки кори диссертатсионии Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзуи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ дошта, муаллифи он - Ятимов Амирхон Ҷурахонович сазовори

дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРИИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ:

**А) интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. Ятимов А.Ҷ. Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори илмию техникии иноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ, №7 2018, с.112-114. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Ятимов А.Ҷ. Хусусиятҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаи таҳқиқоти илмию техникии инноватсионӣ. // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав №1-4(68) 2019, с.187-189. ISSN 2663-5534.

[3-М]. Ятимов А.Дж. Необходимость постоянного использования современных информационно-графических технологий в учебом процессе // Вестник ТНУ №8 2019, с.278-283. ISSN 2074-1847.

[4-М]. Ятимов А.Ҷ. Хусусиятҳои фарқкунандаи иқтидори илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар минтақа // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав № 1-4(68) 2019, с.256-259 ISSN 2663-5534.

[5-М]. Ятимов А.Ҷ. Асосҳои назарявии иқтидори илмӣ-техникии иноватсионӣ дар минтақа // Паёми ДМТ: бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №10 с.2020. с. 273-278.

[6-М]. Ятимов А.Ҷ. Таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи илму техника ва фаъолияти инноватсионӣ // Пайёми ДДБ ба номи Носири Хусрав № 1-4(80) 2020с. ISSN 2663-5534.

[7-А] Ятимов А.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. Таҳлили иқтидори илмию техникии инноватсияҳо дар вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 3(37) 2021, с. 87-96 ISSN-2308-054X

[8-А] Ятимов А.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. Самтҳои афзалиятноки истифодаи иқтидори илмӣ-техникӣ ва таҳяи низоми идоракунии иноватсионӣ дар вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисод. №4 (28 ) 2021, с. 72-79 ISSN: 2663-0389

**Б) интишорот дар дигар маҷалаҳои илмӣ:**

[9-М]. Ятимов А.Ҷ. Потенсиали илмӣ–техникӣ ва рушди инноватсионии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масоили мубрами математика ва таълими он” бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов . Бохтар с.2020, с.37.

[10-М]. Ятимов А.Дж. Инновационный потенциал Хатлонской области: формирование и стратегия развития // Российско – Таджиксий (славянский) университет. 2020 (Маводи Конференция). С.187.

[11-М]. Ятимов А.Ҷ. / Метоҳхои арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа / Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб). с.420-431.

**Унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:**

1. **Раҷабов Раҷаб Кучакович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризаш қайд намудааст, ки автореферат дар баробари паҳлуҳои мусбат дорои чунин норасоиҳо мебошад:

- муаллиф пешниҳоди ҷолиберо оид ба роҳҳои ҳал намудани мушкилоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон манзур сохтааст, ки қобили қабул мебошад. Агар муаллиф шарҳи онро ба таври пурра ва мушаххас нишон медод, боз ҳам хубтару беҳтар мешуд.
- инчунин дар автореферат бартарии ташкили бизнес-инкубаторҳо ва самтҳои такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилоят ба тарики пурра пешниҳод мекард сифати кор беҳтар мегардид.

2. **Ризоқулов Т.Р.** – доктори илмҳои иқтисод, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон эродҳоро дар чунин шакл қайд намудааст:

- мафҳуми иқтидори илмӣ-техникӣ, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳод гардидааст, бояд ба таври васеъ таҳлил мешуд, зеро ин амал сифати мундариҷаи авторефератро боз ҳам мустаҳкамтар мегардонид:
- ҳамзамон, таҳлили индикаторҳои рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақаи Хатлон дар автореферат нокифоя инъикос гардидааст.

3. **Фаррухӣ Р.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, қайд гардидааст, ки дар маҷмуъ автореферати диссертатсия мусбат арзёбӣ гардида, дар баробари дигар таҳлилҳо агар самтҳои

афзалиятноки рушду такомули он низ дар вилояти Хатлон пурра таҳлил мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

4. **Ғафоров Ф.М.** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимӣ дар тақризаш қайд намудааст, ки дар баробари бартариятҳои тадқиқоти илмӣ аз автореферат эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

- хуб мешуд, ки муаллиф таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро дар намуди ҷадвал ва диаграмма мушаххас тасвир менамуд;
- ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ғайр аз татбиқи таҷрибаи Ҷопон дар автореферат сохтори ташкилии идоракунии давлатии иқтидори илмӣ – техникии ду давлати дигарро низ баррасӣ менамуд.

5. Наврӯз Н. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ки дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, Аз ҷумла:

- баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳои мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

Ҳамин тариқ, тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, эродҳои гирифташуда, хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар:** Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявии ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар ба он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ таҳқиқоти илмиро, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иҷро шудааст, чунин асоснок мекунад:**

- асоснок карда шудааст, ки иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа ин маҷмуи сохторҳои ташкилӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техникӣ-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли

ихтирооту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд. инчунин, таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ омӯхта шуда, механизмҳои истифодабарии онҳо дар вилояти Хатлон муайян гардидааст.

- вазъи муосир ва тамоюлоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи теъдоди муассиса ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон, кормандони илмӣ, нашрҳо, патент ва шаҳодатномаҳои навоварӣ, диссертатсияҳои ҳимояшудаи муассисаҳои илмӣ, рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ шуда, таъсиси чор муассисаҳои таҳсилоти олии дигар дар вилояти Хатлон тавсия карда шудааст.

- мушкилоти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа ошкор карда шудаанд, ки асосан бо таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддиву техникии илм, ташаккули нокифояи заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, норасоии кадрҳои илмӣ, набудани робитаи зарурии маориф, илм бо истеҳсолот, ҷалб нагардидани неруи соҳибкорӣ ба рушди иқтидори илмӣ-техникӣ ва нокифоягии маълумоти оморӣ дар минтақа алоқаманд аст;

- роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби иловагии грантҳо барои пажӯҳишҳои илмӣ, гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳияи стратегияи роҳандозии асосҳои моддию техникӣ барои ин корҳо барои солҳои 2022-2030, пурзӯр намудани назорат аз болои барномаҳои кабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули иттилооти муосир дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон ва дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия пешниҳод карда шудаанд;

- самтҳои асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ аниқ ва муайян карда шуда, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, маориф, нақлиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод карда шудааст;

- роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа тавассути таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ, фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, маркази инноватсионии ҷавонон ва такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- натиҷаҳои илмии диссертатсия ба масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ, ки аз тарафи институтҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон қабул карда шудааст, инъикос ёфта, ба ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодиёти минтақа **равона гардидааст;**
- хулоса ва пешниҳодҳои барои ҳалли масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ бо мақсади баланд бардоштани он дар вилояти Хатлон **мусоидат менамояд;**
- вусъати корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ мушкилотҳои асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа бо дарназардошти таҳлили омилҳои монеъшаванда ошкор шуда ва бартараф намудани он зарур дониста мешаванд.

**Самаранокии диссертатсия вобаста ба масъалагузории он.**

- такмили системаи тайёрии илмӣ, мутобиққунии он ба эҳтиёҷоти воқеии хоҷагии минтақа, таъмини ҳамгироии илм ва истеҳсолот, маблағгузории мактабҳои пешбари илмӣ, бунёди низоми ҳавасмандгаронӣ барои ҷалби насли ҷавон ба соҳаи илм ва маориф, таъсиси шуроҳои диссертатсионии иловагӣ, бо назардошти зарурат ва ҷой доштани иқтидори илмӣ дар дигар муассисаҳои олии вилоят ва амсоли он зарур мебошад;
- барои хал намудани мушкилотҳои ошкоршуда соҳаи илм, инноватсия, ҷоннок кардани истифодаи иқтидори илмӣ-техникӣ барои рушди иқтисодиёти ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби бештари грантҳо барои корҳои илмӣ-тақиқотӣ, таҳияи стратегияи таъмини базаи моддию техникӣ барои корҳои илмӣ-таҳкикотии инноватсионӣ барои солҳои 2022-2030, пурзӯр намудани назорат аз болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва техникаи инноватсионӣ, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии

вилояти Хатлон, дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия ба роҳ мондан лозим мебошад;

- барои мукаммалгардонии фаъолияти иқтидори илмӣ-техникӣ ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ, яъне таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, таъсиси маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ, технопаркҳо ва дигар сохторҳои махсусгардонидашуда ҳамчун омили асосӣ барои такмил додани захираҳои ташкилӣ ва идоракунии иқтидори илмӣ-техникии вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо аввалан метавонанд, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон, баъдан, бо мақсади такмили чараёни таълим дар муассисахои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои зерин ба монанди назарияи иқтисодӣ, менеҷменти инноватсионӣ, менеҷмент, асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона, асосҳои соҳибкорӣ, соҳибкории инноватсионӣ мавриди истифода **қарор гиранд**.

- вазъи муосир ва тамоюлоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи теъдоди муассиса ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон, кормандони илмӣ, нашрҳо, патент ва шаҳодатномаҳои навоварӣ, диссертатсияҳои ҳимояшудаи муассисаҳои илмӣ, рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ шуда, таъсиси чор муассисаҳои таҳсилоти олии дигар дар вилояти Хатлон тавсия карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ аз ҷумла интиҳоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои он **бевосита аз тарафи худи муаллиф гузаронида шудааст.**

- хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон (№3/24 аз 25.01.2022), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (№1/85, аз 18.02.2022) барои истифода дастгирӣ ёфта, инчунин санад оид ба татбиқи амалии онҳо **мавҷуд аст;**

- муқарраротӣ асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда **нашр гардидаанд**;

- мазмуни асосии диссертатсия, ки аз тарафи муаллиф дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла «Масоили мубрами математика ва таълими он” бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов» (Бохтар, 2020), «Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) ироа гардидаанд, **баҳои мусбат гирифтаанд**.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон аз санаи 27.01.2023 масъалаи сазовор донистани Ятимов Амирхон Ҷурахонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – 7 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, аз 8 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – 8 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **С.Ҷ. Комилов.**

**Котиби шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **И.Р. Раҷабова.**